***УДК 32.001***
***ББК 66.031.1***

**МУХТАССОТИ НАЗАРИЯИ ҶОМЕАИ МАДАНӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР**

***Ҳошимова Наргиса Абдуҷабборовна***
*унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**ОСОБЕННОСТИ ТЕОРИИ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ**

***Хашимова Наргиса Абдуджаббаровна,***
*соискатель кафедры политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

**FEATURES OF THE THEORY OF CIVIL SOCIETY IN MODERN WORLD**

***Khoshimova Nargisa Abdujabborovna,***
*claimant for candidate degree of the department of political science under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *khoshimova.nargisa@bk.ru*

***Калидвожаҳо**: ҷомеаи мадани, давлат, демократия, озодӣ, ҷомеаи иҷтимоӣ, ҷомеаи мадании глобалӣ, ҷомеаи мадании иттилоотӣ.*

*Дар мақола махсусиятҳои назарияи ҷомеаи маданӣ дар замони муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки мақом ва мавқеи категорияи мазкур дар шароити демократии муосир номуайян аст. Озодии моддӣ, сиёсӣ, маънавию ахлоқӣ, шахсӣ, дахлнопазирии шарафи инсонӣ ҳамчун арзишҳои асосиву аввалиндараҷаи ҷомеаи маданӣ зуҳур менамоянд, ҷомеаи маданӣ бошад шарти зарурии бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Дар ташаккулёбӣ ва инкишофи ҷомеаи маданӣ нақши иқтисодиёт муҳим арзёбӣ гардидааст. Инчунин назарияҳои муосири ҷомеаи маданӣ: назарияи плюралистӣ, ҷомеаи иҷтимоӣ, ҷомеаи мадании глобалӣ ва ҷомеаи мадании иттилоотиро мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Қайд шудааст, ки ҳар як модели ҷомеаи маданӣ бояд дар асоси принсипи озодӣ, адолат, ҳамдигарфаҳмӣ, ризоият ва боварӣ бунёд гардад.*

***Ключевые слова**: гражданское общество, государство, демократия, свобода, социальное общество, глобальное гражданское общество, электронное гражданское общество.*

*Исследованы особенности теории гражданского общества в современном мире. Отмечено, что место и роль данной категории в условиях современной демократии не определены. Материальная, политическая, культурная, личная свобода и неприкосновенность достоинства человека выступают как основные ценности гражданского общества, а оно в свою очередь выступает основным атрибутом демократического и правового государства. Особо выделяется роль экономики в формировании и развитии гражданского общества. Также исследуются современные теории гражданского общества: плюралистическая теория, социетальное общество, глобальное гражданское общество, электронное гражданское общество. Указано, что каждая модель гражданского общества должна основываться на принципах свободы, справедливости, взаимопонимания, согласия и доверия.*

***Key words**: civil society, state, democracy, freedom, societal society, global civil society, electronic civil society.*

*The article dwells on the features of the civil society theory in the modern world. The author notes that the place and role of this category under the conditions of modern democracy are uncertain. Material, political, cultural, personal freedom and inviolability of human dignity act as the basic values of civil society, and it, in its turn, acts as the main attribute of democratic and law-abiding state. The role of economy in the formation and development of civil society is especially noted. The article also deals with modern theories of civil society: pluralistic theory, societal society, global civil society, electronic civil society. The author notes that each model of civil society should be based on the principles of freedom, justice, mutual understanding, consent and trust.*

Инсоният дар ҳар давру замон кӯшиши бунёди низоми сиёсии адолатпеша, озод ва қонеъкунандаи манфиати умумро ҷустуҷӯ менамуд. Дар замони муосир низоми демократӣ нисбат ба дигар системаҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки инсон озодона ташаккул ёбад, дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маданӣ дар чаҳорчӯбаи қонун фаъол бошад. Давлатҳои мутамаддини ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократиро доранд. Бинобар ин, таҳқиқи назарияи мазкур дар шароити муосир аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки меҳвари асосии давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро ҷомеаи маданӣ ташкил медиҳад.

Таҳқиқоти илмии дилхоҳ аз тавсифи мафҳумии он оғоз меёбад. Мафҳуми "ҷомеаи маданӣ" аз калимаҳои лотинии "civil" ва "society" бармеояд. Дар аксари луғатномаҳо мафҳуми "society" – ҷомеа ва "civil" – шаҳрвандӣ тарҷума гардидааст. Масалан, дар луғати муосири русӣ-англисӣ, ки С.М. Крысенко тартиб додааст, калимаи "civil" ҳамчун "гражданский, штатский, воспитанный", "civil society" ҳамчун "гражданское общество" тарҷума гардидааст [6, с. 117]. Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар фазои баъдишӯравӣ дар рӯзномаҳои даврӣ ва маҷаллаҳои илмӣ мафҳуми "гражданское общество" бо баробари мафҳуми "демократия" ниҳоят серистифодатарин мегардад. Ин раванд ба Тоҷикистон тозаистиқлол низ бетаъсир намонд. Зеро ҷумҳурӣ роҳи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёдро пеш гирифта буд. Аз ин ҷост, ки мафҳуми мазкур аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ ҳамчун "ҷомеаи шаҳрвандӣ" тарҷума гардид. Аммо, дар луғати русӣ-англисӣ, ки аз ҷониби Т.А. Сиротина тартиб дода шудааст, калимаи "civil" "гражданский, штатский, цивилизованный, культурный" тарҷума гардидааст [7, с. 136]. Инчунин, дар луғати англисӣ-форсӣ низ маҳуми "civil" "ғайринизомӣ, иҷтимоӣ, маданӣ" тарҷума гардидааст [12, с. 390]. Бояд қайд намуд, ки дар давлатҳои форсизабон, аз ҷумла Эрон ва Афғонистон мафҳуми "civil society"-ро ҳамчун "ҷомеаи маданӣ" тарҷума намудаанд. Ба фикри мо низ мафҳуми "civil society"-ро ба ин маънӣ истифода намоем, қобили қабул мебуд. Зеро яке аз ҷонибдорони назарияи шартномаи ҷамъиятӣ қайд менамояд, ки "civil society"-ро одамони ба камолоти маънавӣ расида ташаккул медиҳанд. Инчунин А. Фергюсон ҷомеаи маданиро ҳамчун ҳолати мутамаддин (civility) ва натиҷаи инкишофи тамаддун муайян намудааст [8, с. 96].

Таърихи пайдоиши мафҳуми "ҷомеаи маданӣ" ба асри XVII рост меояд, ки дар

ин давра назарияи ҳуқуқӣ-табиӣ ва шартномаи ҷамъиятӣ ташаккул меёбад. Ин давраи муборизаҳо бар зидди шоҳигарии мутлақ ва тавлидшавии демократияи буржуазӣ мебошад. Барҷастатарин намояндагони назарияи шартномаи ҷамъиятӣ Г. Гротсий, Т. Гоббс, Ҷ. Локк, Ш. Монтескё, Ж. Ж. Руссо, Б. Спиноза, И. Кант, А. Фергюсон ва дигарон мебошанд. Онҳо ҳолати тодавлатии инсониятро давраи ваҳшоният (Ҷ. Локк), ҳолати табиӣ (И. Кант) номида, қайд мекунанд, ки дар ҷомеа беадолатию беқонунӣ ва "ҷанги ҳама зидди ҳама" (Т. Гоббс) ҳукмфармо буд. Сипас маҳз қарзи маънавӣ, вазифаи ахлоқӣ, аз ҷумла зарурати эҳтироми ҳуқуқи фитрӣ одамонро водор мекунад, ба ҳолати маданӣ гузаранд, яъне давлатро дар натиҷаи шартномаи ҷамъиятӣ таъсис диҳанд.

Барои маънидод намудани мафҳум ва моҳияти ҷомеаи маданӣ як қатор тавсифу таърифҳо мавҷуданд, ки ҷомеаи маданиро ба таври гуногун маънидод менамоянд. Инчунин, мақом ва мавқеи категорияи мазкур дар шароити муосири демократияи либералӣ номуайян аст. Як гурӯҳ муҳаққиқон ҷомеаи маданиро дастоварди ҷаҳони Ғарб шуморида, бунёди онро дар дигар минтақаҳо ғайриимкон медонанд. Гурӯҳи дигар ҷомеаи маданиро маҳсули фалсафаи сиёсии Замони нав шуморида, дар замони муосир номувофиқ будани онро исбот карданӣ мешаванд [4]. Олимони гурӯҳи севум бошанд, назарияи мазкурро шарти зарурии бунёди давлати демократӣ медонанд [1]. Чунин гуногунрангӣ барои таҳлилу тадқиқи амиқи назарияҳои гуногуни ҷомеаи маданӣ замина эҷод менамояд.

Бо баробари рушди ҷомеаи инсонӣ, пешрафти илм ва рушди демократисозии ҷамъият назарияи ҷомеаи маданӣ ҳамчун категорияи мустақили илми сиёсат арзёбӣ мегардад. Дар шароити инкишофи демократия ҳамчун шакли идоракунии давлатӣ ҷомеаи маданӣ новобаста аз шакли давлат ва берун аз дахолати он ташаккул меёбад.

Дар илми сиёсӣ баъзе мутафаккирон ҳатто оид ба боло рафтани нақши ҷомеаи маданӣ изҳори нигаронӣ менамоянд. Яке аз чунин муҳаққиқони соҳаи илми сиёсӣ, олим ва мутафаккири немис И. Шумпетер дар нимаи аввали асри XX навишта буд, ки давлат бояд дар амалигардии фаъолияти воҳидҳои ҷомеаи маданӣ иштирок намояд, то ки онҳо ба таври демократӣ идора шаванд, вагарна қисме аз ҷомеаи маданӣ ба қуввае мубаддал мегардад, ки дар роҳи худ ҳамаро нобуд менамояд ва ҷомеаро ба худ тобеъ мегардонад. Бинобар ин, тарафдорони ҷараёни сотсиал-демократӣ пешниҳод менамоянд, ки давлат бояд равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро танзим намояд ва зиндагии ҳадди ақаллро кафолат диҳад. Лекин, бо гузашти вақт ҷомеаи маданӣ хусусиятҳои навро доро гардида, ба воситаи воҳидҳои худ бо давлат ҳамкорӣ менамояд. Хусусияти мураккаб доштани муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеаи маданиро дорандаи Ҷоизаи Нобелӣ муҳаққиқи амрикоӣ М. Фридман қайд менамояд, ки ҷомеаро мо худ бунёд менамоем. Бунёди ҷомеае, ки озодии шахсро ҳимоя ва васеъ мегардонад, ба паҳншавии аз меъёр зиёди ҳокимият роҳ надода, назорат мебарад, ки ҳокимият ҳамчун ғуломи халқ боқӣ монад.

Аз солҳои 1980 оғоз намуда, мафҳуми "ҷомеаи маданӣ" боз эҳё мегардад. Консепсияи ҷомеаи маданӣ дар Аврупои Ғарбӣ ҳамчун консепсияи марказӣ, ҳамчун аслиҳаи мубориза зидди диктатура, гегемонияи шӯравӣ ва ҳокимияти тоталитарӣ баҳри озодӣ, гуногунандешӣ ва мустақилияти ҷомеа баромад менамуд. Мафҳуми "ҷомеаи маданӣ" аз ҷониби намояндагони ҷараёнҳои гуногун: либерализм, коммунитаризм, сотсиал-демократҳо ва мухолифони ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла, Ҷон Кин,

Чарлз Тейлор ва Юрген Хабермас ба таври васеъ истифода мегардид. Олимон давраи мазкурро ҳамчун "иҷтимоишавии ҷомеаи маданӣ", яъне паҳншавии васеи назарияи ҷомеаи маданӣ ва дарки он аз ҷониби на танҳо элитаи сиёсӣ, балки табақаҳои дигари ҷомеа меноманд. Назар ба ақидаи либералӣ, ки давлатро "посбони шабона" номида буд, фаҳмиши нави мақомоти давлатӣ ва нақши он дар ҷомеа ташаккул ёфт.

Ба андешаи муҳаққиқони соҳа ҷомеаи маданӣ маҷмӯи муносибатҳои шахсӣ, оилавӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ буда, бе дахолати бевоситаи давлат ва берун аз сохтори давлат инкишоф меёбад ва барои инкишофи демократия, ҳифзи ҳуқуқу озодии шахсият шароит муҳайё менамояд [1, с. 5]. Ба фикри мо ҷомеаи маданӣ, ҷомеае ки дар зинаи муайяни рушди шакли ҷамъияти инсонӣ қарор дошта, инсон бо ёрии меҳнат талаботи худро қонеъ менамояд, он аз маҷмӯи созмонҳои ихтиёрии шаҳрвандон (оила, кооперативҳо, ассотсиатсияҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, касбӣ, эҷодӣ, варзишӣ, этникӣ ва ғайраҳо) ва аз маҷмӯи муносибатҳои ғайридавлатӣ дар ҷомеа (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, оилавӣ, миллӣ, ахлоқӣ, динӣ ва ғайраҳо) иборат мебошад.

Ҳамин тавр, озодии моддӣ, сиёсӣ, маънавию ахлоқӣ, шахсӣ, дахлнопазирии шарафи инсонӣ аз арзишҳои асосиву аввалиндараҷаи ҷомеаи маданӣ мебошад. Яъне, ҷамъиятеро, ки барои шаҳрвандони хеш тамоми шароити зарурии зиндагӣ ва фаъолияти истеҳсоливу ҷамъиятиро муҳайё сохтааст, метавон ҷомеаи маданӣ номем. Яке аз омилҳои ниҳоят муҳимми ҷомеаи маданӣ аз дахолати беасосу бедалели мақомоти давлатӣ озод будани шаҳрвандон аст. Аз ин лиҳоз, ташаккули заминаи қонунии ҷомеаи маданӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти қонунгузор ва намояндагӣ мебошад. Дар ташаккули демократияи пойдор ҷомеаи маданӣ, яъне сохти худтанзимкунанда ва ошкорои муносибатҳои байни одамон нақши бузург мебозад.

Бояд қайд намуд, ки бе низоми демократӣ бунёди ҷомеаи маданӣ ғайриимкон аст. Асоси демократияро, ки интихоботи озод ва софдилона ташкил медиҳад, ба ҷомеаи маданӣ ниёз дорад. Вазифаи ҷомеаи маданӣ на танҳо дар таъмин намудани демократисозии ҷомеа зоҳир мегардад, балки дар таъмини идоракунии самараноки ҳаёти ҷамъиятӣ тариқи иштирок дар раванди қабули қарори сиёсии дараҷаҳои гуногун мебошад [2, с. 156].

Дар анъанаи ғарбии афкори сиёсӣ ҷомеа ба се бахш: давлатӣ, хусусӣ ва ҷамъиятӣ (сеюм) ҷудо карда мешавад. Маҳз бахши сеюм, яъне он ҷузъи ҷомеае, ки дар натиҷаи худидоракунӣ ташкилотҳо ва созмонҳои ҷамъиятиро таъсис додааст, ҳамчун ҷомеаи маданӣ фаҳмида мешавад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар чунин тақсимот ба бахши сеюм дохил набуда, ба бахши якум вобастаанд. Чунин фаҳмиши ҷомеаи маданӣ аз ҷониби аксарияти созмонҳои байналхалқӣ, аз ҷумла, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид эътироф шудааст. Ҷомеаи мадании муосир дар шакли маҷмӯи ташкилотҳои ҷамъиятии бахши сеюм дар фаҳмиши иштироки оммавӣ мазмуни нав бахшид. Интихобот фақат як навъи иштироки оммавӣ буда, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар иштироки оммавӣ, чунин хусусиятҳои нав, ба монанди донишҳо ва ғояҳои нав, имконияти таҳлили сиёсӣ ва пешниҳодҳои мувофиқро пайдо намуд.

Р. Дарендорф заминаи ҷомеаи маданиро муносибатҳои бозорӣ ва ҷамъиятӣ мешуморад. Ба воҳидҳои ҷомеаи маданӣ бошад, ӯ ВАО-и хусусӣ ва ташкилотҳои хурди истеҳсолиро ҳамроҳ менамояд [5, с.19].

Бояд қайд намуд, ки дар ташаккули ҷомеаи маданӣ нақши иқтисодиёт хеле муҳим аст. Дараҷаи рушди иқтисодии давлат ба сатҳи некӯаҳволӣ ва фарҳанги ҷомеа

таъсири муассир мерасонад. Маҳз инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ дар зинаи муайяни инкишофи худ барои ташаккули ҷомеаи маданӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҷомеаи маданӣ ҳамчун иттиҳодияи шаҳрвандони аз ҷиҳати иқтисодӣ озод ва мустақил, иттифоқи шахсиятҳои мустақил, озод, баробарҳуқуқ ва дорандаи моликияти хусусӣ, ки барои таъмини шароити арзандаи зиндагонӣ заминаи мусоид фароҳам меорад, фаҳмида мешавад. Дар ин замина муҳаққиқон арз менамоянд, ки ҷомеаи маданӣ аз шахсиятҳои озод ва мустақил ташаккул ёфта, дар натиҷаи соҳиб гаштан ба моликияти хусусӣ мустақилиятро ҳам аз давлат ва ҳам аз шахсони дигар ба даст меорад. Мавҷуд набудани чунин хусусиятҳо маънои мавҷуд набудани ҷомеаи маданиро дорад [2, с. 104]. Зеро маҳз мустақилияти иқтисодии шахсият, дараҷаи муайяни озодии шахсиро таъмин намуда, имконияти мустақил буданро аз дигарон дар қонеъ намудани талаботи худ (ва оилаи хеш), манфиатҳо, ният ва кӯшишҳои худ, озодона интихоб намудани ҷои кор, манзил, касб ва таъмини шароити арзандаи ҳаёт фароҳам меорад. Асоси мустақилияти иқтисодии шахсро моликияти хусусӣ, моликияте, ки инсон соҳиб аст, ташкил медиҳад. Албатта, барои таъмини озодии иқтисодӣ мавҷудияти моликияти хусусӣ кофӣ нест, инчунин заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ низ муҳим аст. Агар системаи сиёсӣ мавҷудияти моликияти хусусиро инкор намояд ва низоми ҳуқуқӣ дар қонуннигорӣ мустаҳкам ва ҳимоя накунад, мустақилияти иқтисодии шахс идеали амалинашаванда боқӣ мемонад [2, с. 105].

Ҷомеаи мадании муосир дар давлатҳои Ғарб вазифаи худшиносии коллективиро ба ӯҳда гирифта, ба синфи миёна ҳамчун таҳкурсии маданӣ такя менамояд. Ташаккул додани синфи миёна яке аз шартҳои зарурии инкишофи ҷомеаи маданӣ буда, дар навбати худ таъсисёбии ташкилотҳои гуногуни шаҳрвандон, ки манфиати гуногуни иҷтимоӣ доранд, барои ташаккули синфи миёна мусоидат менамояд.

Дар монографияи илмии “Ҷомеаи маданӣ: сарчашма ва замони муосир” қайд карда мешавад, ки ҷомеаи маданӣ падидаи ниҳоят мураккаб буда, дар чаҳорчӯбаи он муносибатҳои ҷамъиятӣ арзи ҳастӣ намуда, рушд ва инкишоф меёбанд [2, с. 118]. Бо баробари ин, муносибатҳои номбаршуда дар шаклҳои сохторӣ ва институтсионалӣ амалӣ мегарданд ва чунин воҳидҳо, ба монанди оила, масҷид, мактаб, ҷамоаҳо, инчунин гурӯҳҳои манфиатҷӯ, яъне ташкилотҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ, ки онҳоро манфиатҳои умум мепайвандад, зуҳур менамоянд. Мисол: ассотсиатсияи фермерон, коргарон, иттиҳодияҳои эҷодӣ, духтурон, ташкилотҳои ҷамъиятии занон, ҷавонон ва ғ. Вазифаи асосии ин воҳидҳои ҷомеаи маданӣ – барои ҳар як инсон дар алоҳидагӣ шароити амалӣ намудани қобилият, манфиат ва талаботҳои худ мебошад. Қайд намудан бомаврид аст, ки маҳз ба воситаи чунин воҳидҳо ҷомеа манфиатҳои гуногуни иқтисодӣ, динӣ, этникӣ, касбӣ ва ғайраҳоро амалӣ менамояд. Махсусан, дар доираи системаи либералӣ-демократӣ ба ташаккули ҷомеаи маданӣ аҳамияти хоса дода мешавад. Зеро назарияи либералии ҷомеаи маданӣ дар меҳвари худ озодиро мегузорад. Озодиро аз ҳама арзишҳо боло гузошта, вазифаи худидораи ҷомеаи маданиро ҳамчун ҷавҳари ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳамчун ҳимоя аз дастандозии давлат мешуморад. Шахсияти озод ва мустақил – симои марказии ҷомеаи маданӣ ба ҳисоб меравад. Оид ба муносибати давлат ва ҷомеаи маданӣ намояндагони ин назария тарафдори озодӣ ва мустақилияти фардӣ, инчунин худидоракунӣ мебошанд.

Муаммоҳои ҷамъиятӣ аз тарафи ҷомеа ҳаллу фасл мегарданд. Баҳсҳо оид бо муносибати давлат ва ҷомеаи маданӣ то ба имрӯз давом дошта, Э. Арато қайд

менамояд, ки ин анъана аз либерализми классикии англис ба мо мерос мондааст. Бо инкишофи капитализм модели нави ҷамъият, ки аз се ҷузъ: давлат, ҷомеаи маданӣ ва иқтисодиёт иборат аст, ташаккул меёбад [4].

Дар замони муосир назарияи плюралистӣ низ хеле паҳн гардидааст, ки мувофиқи он вазифаи асосии давлат ба даст овардани ризоияти умумишаҳрвандӣ мебошад, ки бо воситаи он ба инобат гирифтани манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа, пешгирӣ намудан ва аз байн бурдани мухолифатҳо, ҷустуҷӯ намудани ризоияти шаҳрвандӣ, ки ба ҳамгироии ҷомеа равона гардидааст, амалӣ мегардад. Бо баробари ин давлат на ҳамзистии коллективӣ, ки шахсият дар он омехта мегардад, балки ҷамъияти шахсиятҳои озод, ки дар асоси ҳамоҳангӣ бунёд гардидааст, фаҳмида мешавад.

Тафсири ҷадиди ҷомеаи маданӣ аз ҷониби ҷомеашиноси амрикоӣ Т. Парсонс дар консепсияи ҷомеаи иҷтимоӣ пешниҳод гардид. Дар консепсияи ҷомеаи иҷтимоӣ кӯшиши ба ҳам пайвастани фардгароӣ ва ҷомеагароии ҷомеаҳои анъанавӣ ва муосир бо таъкид ба принсипҳои ҳамбастагӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ ба назар мерасад. Барои Парсонс ҷомеаи иҷтимоӣ зерсистемаи муттаҳидкунандаи ҷомеа буда, вазифаи он ҳамгироии низоми мухталифи иҷтимоӣ бо роҳи ниҳодбандӣ кунонидани арзишҳои фарҳангӣ ба сифати меъёрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ қабулшаванда ва аз ҷониби ҷомеа татбиқшаванда маҳсуб меёбанд. Ба ақидаи ӯ дар натиҷаи се инқилоби муосир: саноатӣ, демократӣ ва таълимӣ модели нави ҷомеаи иҷтимоӣ ба вуҷуд омад, ки он ба зернизоми фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ тақсим мешавад. Ҳар як зернизоми чунин ҷомеа аз ҳамдигар ҷудо гардида воҳидҳои худро таъсис медиҳад. Инқилоби саноатие, ки дар Англия ба вуҷуд омад, тамоюлҳои рушди ибтидоии капиталистиро ба анҷом расонида, ба паҳншавии бесобиқаи тақсимоти ҷамътиятии меҳнат оварда расонид ва ҷомеаи иқтисодиро аз давлат ҷудо намуд. Инқилоби сиёсӣ, ки маркази он Фаронса ба ҳисоб мерафт, шакли нави ҳамбастагиро эҷод намуд, ки дар натиҷа коллективи умумимиллӣ (миллат) ба вуҷуд омад ва аъзоёни он ба ғайр аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, инчунин, соҳиби ҳуқуқҳои сиёсӣ гардиданд. Инқилоби таълимӣ сохтори иҷтимоиро қадам ба қадам аз шакл ва тақсимоти иҷтимоӣ озод менамояд. Донишгоҳ ҳамчун комплекси марказӣ ва ниҳодии ин инқилоб коркарди модели созмони иҷтимоиро дар асоси ҳамбастагӣ таъмин менамояд. Бо баробари ба итмом расидани инқилоби таълимӣ раванди ҷудошавии ҷомеаи маданӣ (ҷомеаи иҷтимоӣ) ба охир мерасад.

Тартиботи иҷтимоӣ аз ҷониби Т.Парсонс дар ду маъно фаҳмида мешавад:

1. Дар маънои меъёрӣ системаи сохтори легитимие, ки дар натиҷаи ниҳодишавии арзишҳои фарҳангӣ ва меъёрҳои ҳуқуқ ташаккул ёфтааст, фаҳмида мешавад;
2. Дар маънои фуксионалӣ иттиҳодияи ягона, ба ҳам алоқаманд ва муташаккил, ҷамоати шаҳрвандони навъи корпоративӣ, ки ба якдигарфаҳмӣ асос ёфтааст, фаҳмида мешавад [11, с. 110-115].

Ҷомеаи иҷтимоӣ аз давлат ва иқтисодиёт ҷудо аст. Шакли зуҳури он на бюрократия (дар давлат) ва на бозор (дар иқтисодиёт), балки принсипи ассотсиатсия мебошад, ки ба якдилии аъзоёни он асос ёфтааст. Мувофиқи ақидаи Т.Парсонс ассотсиатсия ин ташкилоте мебошад, ки байни аъзоёни он нисбати сохтори умумимеъёрӣ консенсус ҳукмфармо аст. Консенсус тавассути мавҷудияти нуфуз ва эътибори онҳо, ки манбаи ҳуввияти ассотсиатсия, инчунин, ташаккули коллективи "мо" мебошад, ба даст оварда мешавад. Ассотсиатсияҳои муосир дар ҷомеаи иҷтимоӣ дар асоси: а) принсипи ихтиёрӣ, ки ба озодии ассотсиатсияҳо асос ёфтааст; б)

принсипи баробарӣ, ки иерархияро инкор мекунад; в) принсипи расмиёт, яъне риояи қоидаҳои расмӣ ҳангоми баррасии масъалаҳои ҷорӣ фаъолият менамоянд.

Дар замони муосир, инчунин, назарияҳое ба назар мерасанд, ки оиди ҷомеаи мадании глобалӣ фарзияҳо пешниҳод менамоянд. Яке аз чунин назарияҳо қайд менамояд, ки бунёди ҷомеаи маданӣ дар чаҳорчӯбаи як давлат ғайриимкон аст, зеро фундаментализми динӣ ва миллӣ барои ташаккулёбии ҷомеаи инкишофёфтаи маданӣ ва арзишҳои он ба монанди инсондӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, озодии виҷдон ва ғайраҳо монеаи ҷиддӣ эҷод менамояд. Бинобар ин, зарурият барои бунёди ҷомеаи мадании глобалӣ ба миён меояд, ки дар асоси низоъҳои иҷтимоии муосир имконият медиҳад, ки бар зидди таҳдидҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла таҳаммулнопазирии динӣ ва миллӣ босамар мубориза барад. Вазифаи муҳими ҷомеаи мадании ҷаҳонӣ мубориза бар зидди таҳдидҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷаҳонишавӣ мебошад. Давлат, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳокимият ва фишангҳои пешинаи идоракуниро аз даст дода истодааст, бо ташкилотҳои ғайритиҷоратии байналхалқӣ ва миллӣ ба роҳ мондани ҳамкории судманд ба мақсад мувофиқ аст. Маҳз ҳамкорӣ ва муколама бо ҷомеаи маданӣ ба давлат имконият медиҳад, ки таъсири пешинаи худро нигоҳ дорад ва демократӣ гардад.

Ғояи ҷомеаи мадании глобалӣ аз ҷониби олимон Х. Анхайера, М. Глазиуса и М. Калдор пешниҳод гардида, ба ақидаи онон ҷомеаи мадании глобалӣ ҳамчун “фазои ғояҳо, арзишҳо, ниҳодҳо ва ташкилотҳое мебошад, ки байни оила, давлат ва бозор қарор дошта, аз сарҳади як ҷомеа, давлат ва иқтисодиёт берун мебарояд”[9, с. 17].

Инчунин, муҳаққиқони сиёсати байналхалқӣ Р. Липшутс ва С. Тёрнер қайд менамоянд, ки ташаккулёбии ҷомеаи мадании глобалӣ маънои оғози давраи нав – давраи поствестфалии сиёсати ҷаҳониро дорад, ки дар он соҳибихтиёрии давлатҳои алоҳида бо меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ маҳдуд мегарданд [10, с. 26].

Ҳамин тариқ, дар замони муосир мафҳуми нав “ҷомеаи мадании глобалӣ” ба илм ворид шудааст, ки мувофиқи он фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ аз ҳудуди як давлат берун баромада хусусияти фаромиллӣ пайдо менамоянд.

Инчунин, дар натиҷаи “инқилоби иттилоотӣ” консепсияи “ҷомеаи иттилоотӣ” ташаккул ёфтааст, ки мувофиқи он ҷомеаи маданӣ ба ҷомеаи “афкори ҷамъиятӣ” мубаддал мегардад. Дар ҷомеаи мазкур шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, ки иттилооте, ки ба ҳаёти онҳо дахл дорад, пайдо намоянд ва оид ба масъалаҳое, ки ба ҳаёт ва фаъолиятии онҳо вобаста аст, озодона муҳокимаронӣ намоянд. Замони муосир, ки замони технологияи иттилоотӣ аст, нақши иттилоот ба маротиб боло рафтааст. Бинобар ин, ҷомеаи имрӯзаро бе иттилоот тасаввур кардан ғайриимкон буда, иттилоот ба қуввае табдил гардидааст, ки марзҳоро намепазирад ва аз чаҳорчӯбаи як давлат баромада, ҷаҳонӣ мегардад. Барои ин Шабакаҳои интернетӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Бояд қайд намуд, ки дар замони муосир бо баробари паҳн гаштани шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ воситаи муносибати виртуалӣ хеле паҳн гардидааст, инчунин муносибати мақомоти давлатӣ бо шаҳрвандон ба воситаи Ҳукумати электронӣ дар ҳолати рушд қарор дорад. Шаҳрвандон ба воситаи шабакаи Интернет ба сомонаҳои мақомоти давлатӣ даромада, бо шахсони масъул вобаста ба масъалаи худ савол дода, посухҳои мушаххас гирифта метавонанд. Чунин муносибати амудӣ хусусияти интерактивӣ дошта, имконият фароҳам меорад, ки шаҳрвандон манфиатҳои шахсӣ ва коллективии хешро қонеъ намоянд. Аз ҷониби дигар, сомонаҳои гуногуни иҷтимоии миқёси миллӣ ва ҷаҳонӣ метавонанд баҳри рушди

муносибатҳои амудӣ ҷомеаи маданӣ замина муҳайё намоянд. Он имконият медиҳад, ки ҷомеаро баҳри ҳалли масъалаҳои муҳими ҷамъиятӣ сафарбар намояд. Бояд қайд намуд, ки дар замони муосир таъсири манфии шабакаи ҷаҳонӣ низ ба назар мерасад, ки қувваҳои муайян баҳри таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ сомонаҳои махсус таъсис дода, атрофи худ ҳамақидагонро аз тамоми дунё ҷамъ намоянд, бо воситаи ҳар гуна намоишҳо ва баромадҳои худ табақаи осебпазири ҷомеаро роҳгум намуда, баромадҳои оммавии шаҳрвандон, яъне "интернет-инқилоб" ташкил карданӣ мешаванд. Чунин вазъият ҳам дар мамлакаҳои Шарқ ва ҳам Ғарб ба назар мерасад.

Болоравии муносибатҳои амудӣ ва уфуқии виртуалӣ, ташаккулёбии ҷомеаи мадании электронӣ на танҳо натиҷаи паҳншавии шабакаҳои интернетӣ, технологияҳои рақамӣ, балки риоя нагардидани меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон мебошад. Инчунин, зери назорат гирифтани фаъолияти воҳидҳои ҷомеаи маданӣ аз ҷониби давлат имконият намедиҳад, ки самаранокии фаъолияти онҳо таъмин гардад. Ин ва дигар омилҳо сабаб мегарданд, ки шаҳрвандон рӯ ба сӯи муносибатҳои виртуалӣ меоранд. Дар сомонаҳо онҳо озодона оид ба масъала ва муаммоҳои ҷамъиятӣ фикру ақидаи худро иброз менамоянд, ҳаммаслакони худро дарёфт менамоянд. Баъзан баъзе маълумоте, ки ба воситаи телевизион ва радио пахш намегардад, дар шабакаҳои интернетӣ дастрас аст.

Хусусияти хоси ҷомеаи мадании электронӣ дар он аст, ки иттилоот дар маркази ин ҷомеа қарор дорад. Ҳатто мақомоти давлатӣ ба воситаи таъсис додани шабакаҳои иҷтимоие, ки барои пиёда сохтани сиёсати давлатӣ мусоидат менамояд, симои мусбии давлатро бунёд созад. Инчунин, давлат ахбороти махсусро дар сомонаҳои гуногун нашр намуда, афкори ҷамъиятиро оид ба масъалаи мазкур фаҳмиданӣ мешавад.

Хусусияти дигари ҷомеаи мадании электронӣ ин интернатсионализатсияи ҷомеаи маданӣ мебошад. Ҷомеаи маданӣ аз ҳудуди як давлат берун мебарояд, зеро Интернет роҳҳои гуногуни наздикшавии шаҳрвандони давлатҳо ва миллату нажодҳои гуногунро фароҳам меорад. Дар шабакаи интернет одамон вобаста ба фикру ақидаҳо ва ғояҳои худ метавонанд созмони виртуалӣ ташкил намоянд ва дар натиҷаи фаъолияти босамар он метавонад ба воҳиди ҷомеаи маданӣ мубаддал гардад. Ҷомеаи мадании электронӣ натиҷаи "инқилоби иттилоотӣ" мебошад.

Ҳамин тариқ, инкишофи ҷамъияти инсонӣ, рушди техникаву технологияи муосир ва инкишофи раванди ҷаҳонишавӣ ба инкишофи назарияи ҷомеи маданӣ таъсири бевосита расонида, моделҳои муосири ҷомеаи маданӣ ташаккул ёфтанд. Ба ақидаи мо ҳар як модели ҷомеаи маданӣ бояд дар асоси принсипи озодӣ, адолат, ҳамдигарфаҳмӣ, ризоият ва боварӣ бунёд гардад.

Фарқи принсипиалии ғояи ҷомеаи мадании асри XXI аз ғояи ҷомеаи мадании асри XVIII дар он аст, ки диққати асосӣ на ба тафриқабандии ҷомеа аз рӯи муносибат ба воситаҳои истеҳсолот равона шудааст, балки диққати асосӣ ба раванди ҳамгироии ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муаммоҳои марбут ба он дода мешавад.

***Пайнавишт:***


1. *Абдулов К. Дар ин дунё. Китоби 10. Муаммоҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. – Душанбе, 2005. – 440 с.*
2. *Кальной И. И. и др.. Гражданское общество: истоки и современность / Науч. ред. проф. И. И. Кального, доц. И. Н. Лопушанского. 3-е изд., перераб. и доп. — СПб.: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2006. – 492 с.*

3. *Кин Дж. Демократия и гражданское общество. – Москва: Прогресс-Традиция, 2001. – 400 с.*
4. *Коэн Ч., Арато Э. Гражданское общество и политическая теория. Пер. с англ./ Общ. ред. И.И. Мюрберг. – Москва: Издательство «Весь Мир», 2003. – 784 с.*
5. *Макашева Е.Н. Концепции гражданского общества в истории западной политической жизни //Вестник Мордовского университета. 2010, №3. – 18-26 с.*
6. *Новейший англо-русский, русско-английский словарь/ Сост. С. М. Крысенко. – К.: Издательство «Арий», М.: ИКТЦ «ЛАДА», 2011. – 960 с.*
7. *Современный англо-русский, русско-английский словарь: 100 000 слов / Сост. Т. А. Сиротина. – Донецк: ООО ПКФ «БАО», 2007. – 1216 с.*
8. *Фергюсон А. Опыт истории гражданского общества. – М.: РОССПЭН, 2000. – 392 с.*
9. *Anheir H., Glasius M., Kaldor M. Global Civil Society. – Oxford, 2001. – 348 p.*
10. *Lipschutz R. Op. cit.; Turner S. Global Civil Society, Anarchy and Governance: Assessing an Emerging Paradigm // Journal of Peace Research. 1998. Vol. 35. N 1. 25–42 p.*
11. *Parsons T. The System of Modern Societies. Englewood Cliffs. N. Y.: Prentice- Hall, 1971. – 100-115 p.*
12. *The English – Persian collegiate dictionary. A. Aryanpur and M. Aryanpur. Vol. 1. – Tehran, 1992. – 1295 p.*

**Reference Literature:**

1. *Abdulov K. In this World. Book 10. Problems of Civil Society. – Dushanbe, 2004. – 440 pp.*
2. *Kalnoy I.I. et alia. Civil Society Originals and Contemporaneity/ Scientific editors: Professor I.I. Kalnoy, Associate Professor Lopushansky. The 3rd edition, revised and enlarged. – SPb.: Publishing-house of R. Aslanov "Law Center Press", 2006. – 492 pp.*
3. *Kin J. Democracy and Civil Society. – Moscow: Progress-Traditions, 2001. – 400 pp.*
4. *Koen J., Arato E. Civil Society and Political Theory. Translation from English/ General editor I.I. Muyrberg. - Moscow: Publishing house "All the World", 2003. – 784 pp.*
5. *Makasheva E.N. Conceptions of Civil Society in the History of Western Political Life// Bulletin of Mordov University. 2010, №3. -18-26 pp.*
6. *The Latest English-Russian, Russian-English Dictionary/ Compiler: S.M., Krysenko.- K.: Publishing-house of "Ariy", - Moscow: ICTC "LADA,"2011. – 960 pp.*
7. *Modern English-Russian, Russian-English Dictionary: 100 000 words /Compiler: T. A. Sirotina. - Donetsk: LLC PKF "BAO,"2007. – 1216 pp.*
8. *Fergyuson A. Experience of the History of Civil Society. – M.: ROSSPEN, 2000. – 392 pp.*
9. *Anheir H., Glasius M., Kaldor M. Global Civil Society. – Oxford, 2001. – 348 pp.*
10. *Lipschutz R. Op. cit.; Turner S. Global Civil Society, Anarchy and Governance: Assessing an Emerging Paradigm // Journal of Peace Research. 1998. Vol. 35. N 1. – pp. 25–42.*
11. *Parsons T. The System of Modern Societies. Englewood Cliffs. N. Y.: Prentice- Hall, 1971. – pp. 100-115.*
12. *The English-Persian collegiate dictionary. A. Aryanpur and M. Aryanpur. Vol. 1. – Tehran, 1992. – 1295 pp.*